# КОНВЕНСИЯ ОИД БА МАҚОМИ АПАТРИДХО (БЕВАТАНОН)

*28-уми сентябри соли 1954 дар Конференсияи намояндагони комилҳуқуқ, ки тибқи қарори 526 А* (XVII) *Шурой Иқтисодиву Иҷтимой аз 26 апарели соли 1954 баргузоргардида қабул шудааст*

*Мавриди амал царор додан: 6-уми июни соли 1960 тибци моддаи 39*

## МУҚАДДИМА

*Тарафҳои Воломақоми аҳдкунанда,*

*бо назардошти он ки* Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид ва Эъломияи ҳуқуқи башар, ки 10-уми декабри соли 1948 аз ҷониби Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид қабул шудааст, қоидае муқаррар намудаанд, ки тибқи он ҳамаи одамон бояд бе ягон табъиз аз ҳуқуқҳои асосӣ истифода баранд.

*бо назардошти он ки* Созмони Милали Муттаҳид чандин маротиба ба такдири апатридхо (беватанон) мароқи зиёд зоҳир намуда кушиш ба харҷ додааст, ки онҳоро бо истифодаи ҳаддалимкони бештар аз ҳуқуқу озодиҳои асосӣ,

*бо назардошти он ки* апатридҳое (беватаноне), ки инчунин гуреза маҳсуб меёбанду таҳти таъсири Конвенсияи оид ба макоми гурезагон аз 28-уми июли соли 1951 қарор мегиранд ва инчунин апатридҳои (беватанони) таҳти таъсири ин Конвенсия қарор нагирифта ҳам бисёранд,

*бо назардошти он ки* хуб мебуд агар вазъи апатридҳо аз тариқи созишномаи байналхалкӣ танзим ва беҳбуд бахшида шавад,

*ба таври зерин аҳду паймон мекунанд:*

## БОБИ 1
## МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

*Моддаи 1 - муайян кардани мафҳуми «Апатрид» (беватан)*

1. Дар Конвенсияи мазкур таҳти истилоҳи «апатрид» шахсе дар назар аст, ки ягон давлат ӯро тибқи қонунҳои худаш шаҳрванд ҳисоб намекунад.

2. Муқаррароти Конвенсияи мазкур нисбати шахсони зерин татбиқ намегарданд:

i) шахсоне. ки дар айни ҳол аз ҳимояи мақомоту муассисаҳои дигари Созмони Милали Муттаҳид ба ғайр аз Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба корҳои гурезагон истифода мебаранд;

ii) шахсоне, ки ҳукуматҳои салоҳиятдори мамлакате, ки дар он зиндагӣ мекунанд, нисбати онҳо ҳуқуқ ва ухдадориҳои вобаста ба шаҳрвандии ин мамлакатро эътироф мекунанд;

iii) шахсоне. ки бо асосҳои воқеӣ метавон тахмин кард, ки онхо:

a) нисбати сулҳ ҷиноят содир кардаанд, ҷинояти ҳарбӣ содир намудаанд ё зидди инсоният ҷиноят содир намудаанд ва ин кирдорҳо дар санадҳои байналхалкӣ бо мақсади чораҷӯӣ нисбати чунин ҷиноятҳо муайян гардидаанд;

b) берун аз мамлакати паноҳгоҳ пешниҳод намуда пеш аз роҳ дода шуданашон ба ин мамлакат ҷинояти вазнини хусусияти ғайрисиёсӣ дошта содир кардаанд;

c) дар иҷрои кирдорҳои хилофи мақсадҳо ва принсипҳои Созмони Милали Муттаҳид айбдоранд.

*Моддаи 2. Ӯҳдадориҳои умумӣ*

Ҳар як апатрид дар назди мамлакате. ки дар қаламрави он зиндагӣ мекунад ӯҳдадориҳои муайян дорад. Аз ҷумла, ӯ бояд ба қонуну қарорҳои ин мамлакат, инчунин чораҳое, ки ба ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ нигаронида шудаанд, итоат кунад.

*Моддаи 3 - Норавоии табъиз*

Давлатҳои аҳдкунанда муқаррароти Конвенсияи мазкурро нисбати апатридхо бидуни ягон маҳдудкунӣ (поймолкуни)-и ҳуқуқ аз рӯи нишонаҳои нажодӣ, динӣ ё аз кадом мамлакат будани онҳо татбик хоҳанд намуд.

*Моддаи 4 - Ақидаҳои динӣ*

Давлатҳои аҳдкунанда ба апатридҳо (бeватанон)-и дар қаламравашон буда дар баробари шаҳрвандони худ дар эътиқод ба динашон ва тарбияи динии фарзандонашон озодӣ медиҳанд ва шароиту имконияти мусоид фароҳам меоваранд.

*Моддаи 5 – Ҳуқуқҳое, ки сарфи назар аз ин Конвенсия пешниҳод*

*гардидаанд*

Ҳеқ чиз дар ин Конвенсия хеҷ гуна ҳуқуқ афзалиятҳои новобаста ба ин Конвенсия аз тарафи Давлати аҳдкунанда додашударо поймол намекунад.

*Моддаи 6 – Ибораи "дар ҳамин ҳолатҳо"*

Дар ин Конвенсия ибораи «дар ҳамин ҳолатҳо» чунин маъно дорад: апатрид ба ҳамагуна талабот, ки шахси соҳибватан ҳам барои истифода аз ҳуқуқи муайян ҷавоб медиҳад (аз ҷумла талаботи вобаста ба мӯҳлату шароити қарор доштану истиқомат кардан дар мамлакат) бояд ҷавобгӯ бошад, ба истиснои талаботе, ки апатрид (бешатан) аз руи хислати онҳо қудрати ба онҳо ҷавоб доданро надорад.

*Моддаи 7 - Хориҷкуниҳо аз принсипҳои мутақобилӣ*

1. Ғайр аз ҳолатҳое, ки дар асоси ин Конвенсия ба апатридҳо шароити мусоидтари ҳуқуқӣ фароҳам оварда мешавад, Давлати аҳдкунанда ба онҳо шароите фароҳам меорад, ки умуман шахсони хориҷӣ аз он истифода мебаранд.
2. Баъди гузаштани муҳлати се соли истиқомат дар қаламрави Давлатҳои аҳдкунанда ҳамаи апатридхо аз талаботи мутақобилияти тибқи қонунгузорӣ муқарраргардида озод карда мешаванд.
3. Ҳар як Давлати аҳдкунанда минбаъд ҳам ба апатридхо он ҳуқуқу имтиёзҳое медиҳад, ки бидуни ягон мутақобилият аз рӯзи нисбати ин давлат мавриди амал қарор додани ин Конвенсия доштанд.
4. Давлатҳои аҳдкунанда ба имконияти бидуни ягон мутақобилият ба апатридхо додани ҳуқуқу имтиёзҳо, ғайр аз он ҳуқуқу имтиёзҳое, ки апатридхо тибқи бандҳои 2 ва 3 доранд, инчунин эҳтимоли озодшавии апатридҳо аз талаботе, ки ба шартҳои бандҳои 2 ва 3 чавобгӯ нестанд, бо назари хайрхоҳӣ менигаранд.
5. Муқаррароти бандҳои 2 ва 3 ҳам ба ҳуқуқу имтиёзҳои дар моддахои 13, 18, 19, 21, 22 зикрёфта ва ҳам ба ҳуқуқи имтиёзҳои дар ин моддаҳо зикрнаёфта татбиқ мешаванд.

*Моддаи 8 - Хориҷкуниҳо аз чораҳои истисноӣ*

6. Чораҳои истисноие, ки нисбати шахсон, моликият ё манфиатҳои шаҳрвандон ё шаҳрвандони собиқи давлати хориҷӣ метавонанд татбиқ гарданд, аз тарафи Давлатҳои аҳдкунанда нисбати апатридҳо татбиқ намегарданд, зеро пештар шаҳрванди давлати мазкури хориҷӣ будани

онҳо ба ин асос мегардад. Давлатҳои аҳдкунандае, ки қонунгузориашон ба татбиқи Принсипи умумии дар моддаи мазкур ифода ёфта роҳ намедиҳад, дар ҳолатҳои лозимӣ ба манфиати чунин апатридҳо истиснохо ҷорӣ мекунанд.

*Моддаи 9 – Чорабиниҳои муваққатӣ*

Ҳеч чиз дар ин Конвенсия Давлати аҳдкунандаро аз ҳуқуқи дар давраи ҷанг ё дар сурати мавҷуд будани дигар ҳолатҳои фавқулодда истифода намудани чораҳои муваққатие, ки ба ақидаи он ба манфиати давлат мебошанд, нисбати ин ё он шахси муайян ҳануз то аз ҷониби ин Давлати аҳдкунанда маълум намудани он, ки ӯ ҳақиқатан апатрид мебошад ва истифодаи минбаъдаи чораҳои муайяншуда нисбати ӯ ба манфиати амнияти кишвар зарур аст, маҳрум намекунад.

*Моддаи 10 - Муттасилиятм истқомат*

1. Агар апатрид дар давраи ҷанги дуюми ҷаҳонӣ аз ватан ронда, ба қаламрави яке аз Давлатхои аҳдкунанда фиристода шуда бошад ва дар он ҷо истиқомат кунад, муддати чунин истиқомати маҷбурӣ чун муддати истиқомати конунӣ дар ҳудуди ин қаламрав баррасӣ мегардад.
2. Агар апатрид дар вақти ҷанги дуюми ҷаҳонӣ аз қаламрави яке аз Давлатҳои аҳдкунанда ронда шуда, қабл аз мавриди амал қарор додани ин Конвенсия ба он ҷо бо мақсади истиқомати доимӣ ихтиёр кардан баргашта бошад, давраи пеш аз рондашавӣ ва баъд аз рондашавӣ дар ҳамаи ҳолатҳое, ки муттасилияти истиқомат талаб карда мешавад, чун як давраи муттасил арзёбӣ мегардад.

*Моддаи 11 - Апатридҳои баҳрнаворд*

Агар апатридҳо шахсоне бошанд, ки дар ҳайатҳои киштиҳои таҳти парчами яке аз Давлатҳои аҳдкунанда шинокунанда хуб хизмат мекунанд, давлати мазкур ба сокин шудани ин шахсон дар қаламрави худ ва ба онҳо додани ҳуҷҷатҳои сафарӣ ё ба онҳо додани ҳуқуқи муваққатии ворид шудан ба қаламрави худ, хусусан бо мақсади осон намудани сукунати онҳо дар ягон мамлакати дигар хайрхоҳона муносибат мекунад.

## БОБИ II
## МАҚОМИ *ҲУКУКӢ*

*Моддаи 12 - Мақоми шахсӣ*

1. Мақоми шахсии апатрид бо қонуни кишвари домисили ӯ ё агар ӯ чунин кишварро надошта бошад, қонунҳои кишвари сокингардидааш муайян карда мешавад.

2. Ҳуқуқҳое, ки апатрид вобаста ба мақоми шахсиаш пештар ба онҳо соҳиб шуда буд, хусусан ҳуқуқҳое, ки аз издивоҷи ӯ бармеоянд, ҳангоми зарурати риояи расмиятҳои тибқи қонунҳои ин мамлакат муқаррааргардида аз тарафи Давлатҳои аҳдкунанда риоя мегарданд, ба шарте ки ин ҳуқуқ яке аз он ҳуқуқҳое бошад, ки қонунҳои ин давлат онро дар ҳолати апатрид нашудани ин шахе эътироф намоянд.

*Моддаи 13 - Амволи манқул ва ғайриманқул*

Нисбати ба даст овардани амволи манқул ва ғайриманқул ва дигар ҳуқуқҳои вобаста ба он, инчунин дар бобати аҳдномаҳои оид ба иҷора ва ғайра, ки ба молу мулки манқулу ғайриманқул дахл доранд, Давлатҳои аҳдкунанда бо апатридхо шароити то ҳадди имкон мусоидро фароҳам меоваранд ва ин шароит на камтар аз шароитест, ки дар чунин вазъиятҳо одатан хориҷиён истифода мебаранд.

*Моддаи 14 - Ҳуқуқҳои муаллифӣ ва саноатӣ*

Дар масъалаи ҳуқуқҳои саноатӣ, мисли ҳуқуқ ба ихтироъ, ҳуқуқ ба тартибдиҳии нақшаҳову моделҳо, маркаҳои тиҷоратӣ, ҳуқуқ ба номи ширкат ва ҳуқуқ ба асарҳои адабӣ бадеӣ ва илмӣ апатридҳо дар баробари шаҳрвандони ин мамлакат ҳуҳуқҳои баробар доранд. Дар қаламрави ҳар Давлати аҳдкунанда апатридҳо аз ҳуқуқҳои ба шаҳрвандони ин кишвар додашуда бояд бархурдор бошанд.

*Моддаи 15 – Ҳуқуқи ассотсиатсияҳо*

Дар масъалаи ассотсиатсияҳо, ки хусусияти сиёсӣ надоранду мақсадашон фоида гирифтан нест, инчунин дар масъалаи иттифоқҳои касаба Давлатхои аҳдкунанда ба апатридҳои қонунан дар қаламравашон истиқоматдошта шароити мусоиде фароҳам меоранд, ки он ба шароити шаҳрвандони давлати хориҷии дар чунин вазъият қарор дошта мутобиқ аст.

*Моддаи 16- Ҳуқуқи муроҷиат ба суд*

1. Ҳар як апатрид дар қаламрави Давалатҳои аҳдкунанда ҳуқуқи

озодона муроҷиат намуданро ба судҳо дорад.

2. Хар апатрид дар қаламрави Давлати аҳдкунанда, ки ҷои зисти муқаррарии ӯст, дар масъалаи муроҷиат ба суд, алалхусус, дар масъалаҳои ёрии юридикӣ ва озодкунӣ аз хароҷоти судӣ дар баробари шаҳрвандон ҳуқуқ дорад.

3. Ба ҳар як апатрид дар ҳамаи мамлакатҳои дигар ғайр аз мамлакати зисти муқаррарии ӯ дар масъалаҳои дар банда 2 зикрёфта айнан ҳамон шароит фарохам оварда мешавад, ки шаҳрвандони мамлакати зисти муқаррарии ӯ доранд.

## БОБИ III
## ФАЪОЛИЯТҲОЕ, КИ ФОИДА МЕОРАНД

*Моддаи 17 - Кори кироя*

1. Давлатҳои аҳдкунанда ба апатридҳои ба таври қонунӣ дар қаламрави худашон истиқоматдошта дар масъалаи кори кироя шароити ҳуқуқии мусоидро, ки шаҳрвандони давлатҳои хориҷӣ дар чунин вазъият доранд, фароҳам меоваранд.

2. Давлатҳои аҳдкунанда ба имконияти баробаркунии ҳуқуқи ҳамаи апатридхо дар масъалаи кори кироя бо ҳуқуқи шаҳрвандон, бахусус он апатридҳое, ки ба қаламрави онҳо ба тариқи иҷрои барномаи ҷалби қувваи корӣ ё тибқи накшаи муҳоҷиркунӣ ворид шудаанд, муносибати хайрхоҳона мекунанд.

*Моддаи 18 - Кор дар корхонаи шахсӣ*

Давлатҳои аҳдкунанда ба апатридҳои ба таври қонунӣ дар қаламравашон истиқоматдошта нисбати мустақилона машғул шудан бо кишоварзӣ, саноат, ҳунармандӣ, тиҷорат инчунин таъсиси ширкатҳои тиҷоративу саноатӣ шароити то ҳадди имкон мусоиди хукукӣ фароҳам хоҳанд овард, ки дар ҳар ҳолат он на камтар аз шароити ҳуқуқии хориҷиён дар чунин вазъият мебошад.

*Моддаи 19 - Касбҳои озод*

Ҳар як давлати аҳдкунанда ба апатридҳои ба таври қонунӣ дар қаламраваш истиқоматдошта, ки диплом дорад ва аз тарафи ҳукуматҳои салоҳиятдори ин давлат эътироф шудаасту онҳо хоҳиши бо касбҳои озод машғул шуданро доранд, то ҳадди имкон шароити мусоиди ҳуқуқӣ

фароҳам меоварад ва он дар ҳар ҳолат аз шароити хориҷиёни дар чунин вазъият қарордошта камтар нест.

## БОБИ IV
## ПАРАСТОРИИ ИҶТИМОӢ

*Моддаи 20 - Системаи меъёри озуқа*

Дар он ҷое, ки системаи ҳатмии меъёри озуқа барои тамоми аҳолӣ вуҷуд дорад ва он тақсимоти умумии озуқаворӣи камёфтро ба тартиб меандозад, чунин система дар баробари шаҳрвандон нисбати апатридҳо ҳам татбик мегардад.

*Моддаи 21 - Масъалаи манзил*

Азбаски масъалаи манзил тариқи қонунҳо ва карорҳо танзим карда мешавад ва ё таҳти назорати ҳокимияти давлатӣ мебошад, Давлатхои аҳдкунанда ба апатридҳои ба таври қонунӣ дар қаламравашон истиқоматдошта шароити то ҳадди имкон мусоид фароҳам меоваранд, ки он аз шароити хориҷиёни дар чунин вазъият истиқоматдошта камтар нест.

*Моддаи 22 - Маълумотнокии халк*

1. Дар масъалаи таълимоти ибтидоӣ Давлатҳои аҳдкунанда ба апатридҳо айнан ҳамон шароити ҳуқуқиеро фароҳам меоваранд, ки шаҳрвандонашон доранд.
2. Дойр ба намудҳои дигари маорифи халк ба ғайр аз таълимоти ибтидоӣ, хусусан доир ба имконияти таҳсил, эътирофи шаҳодатномаҳои хориқӣ, диплому дараҷаҳо, озодкунӣ аз супоридани маблағ барои таҳсил ва пардохтҳо, инчунин дар масъалаи додани стипендияҳо Давлатҳои аҳдкунанда ба апатридхо то ҳадди имкон шароити мусоиди ҳуқуқиро фароҳам меоваранд, ки он дар ҳар ҳолат аз шароити хориҷиёни дар чунин вазъият қарордошта камтар нест.

*Моддаи 23 - Ёрии ҳукуматӣ*

Давлатҳои аҳдкунанда барои апатридҳои ба таври қонунӣ дар қаламравашон истиқоматдошта низ дар масъалаи истифода аз ёрию дастгирии ҳукумат айнан ҳамон имконияти ҳуқуқиро фароҳам меоранд, ки шаҳрвандонашон доранд.

*Моддаи 24 - Қонунгузории меҳнат ва таъминоти иҷтимоӣ*

Давлатҳои аҳдкунанда ба апатридҳои ба таври қонунӣ дар қаламравашон истиқомадошта дар масъалаҳои зерин имконияти бо шаҳрвандашон баробар медиҳанд:

a) музди меҳнат, аз ҷумла кумакпулӣ барои оила, агар чунин кумакпулиҳо як ҷузъи музди меҳнат бошанд, давомнокии рузи корӣ, кори зиёда аз вақти муқарраррӣ, рухсатиҳои пулакӣ, маҳдудкунии кори хонагӣ, синни ҳадди ақали шахсони бо меҳнати кироя машғулшаванда, шогирдӣ ва тайёрии касбӣ, меҳнати занону наврасон, истифодаи афзалиятҳои аҳднома (қарордод)-ҳои дастчамъӣ, зеро ки ин масъалаҳо аз тарафи қонунҳо ё қарорҳо танзим мешаванд ё ки таҳти назорати ҳокимияти маъмурӣ мебошанд;

b) таълимоти иҷтимоӣ (қонунҳои марбут ба ҳодисаҳои нохуши дар ҷои кор рӯйдиҳанда, бемориҳои вобаста ба касб, ҳомиладорӣ, пиронсолӣ, марг, бекорӣ, вазифаҳои дар назди оила дошта ва ҳолатҳои дигар. ки тибқи конунҳои дохилӣ ё қарорҳо аз тарафи системаи таълимоти иҷтимоӣ бо маҳдудиятҳои зерин пешбинӣ мешаванд:

i) метавонад тартиби зарурии нигоҳдории ҳуқуқҳои ба даст овардашуда ва ҳуқуқҳои дар марҳилаи бадастдорӣ қарордошта мавҷуд бошад;

ii) қонунҳо ё амрҳои кишвари истиқомат метавонанд тартиби махсуси гирифтани кумакпулии пурра ё ҷузъиро, ки комилан аз ҳисоби давлат пардохта мешавад ва кумакпулиҳоеро, ки ба шахсони ҳама шартҳои пардохтҳои барои гирифтани нафақаи дуруст зарурбударо иҷронакарда пардохта мешаванд, пешбинӣ намоянд.

2. Агар апатрид дар натиҷаи ҳодисаи дар ҷои кор рухдода ё бемории касбӣ вафот кунад ва ворисаш берун аз қаламрави Давлати аҳдкунанда истиқомат дошта бошад, ин ҳолат ба ҳуқуқи ӯ таъсир нахоҳад расонд, ки барои марги апатрид ҷубронпулӣ бигирад.

3. Давлатҳои аҳдкунанда дар масъалаи таъминоти иҷтимоӣ барои ҳифзи ҳуқуқҳои бадастовардаи апатридҳо ва ҳуқуқҳои дар марҳилаи бадасторӣ қарордоштаи онҳо имтиёзҳое хоҳанд дод, ки аз созишномаҳои байни худ имзо мекардаашон бармеояд. Дар айни ҳол онҳо танҳо он шартҳоеро риоя хоҳанд кард, ки нисбати шаҳрвандони давлатҳои имзокарда татбиқ мешаванд.

4. Давлатҳои аҳдкунанда, азбаски ин имконпазир аст, ба масъалаи ба

апатридҳо додани имтиёзҳое, ки аз ин гуна созишномаҳо бармеоянду дар ҳар чунин лаҳзае метавонанд байни ин Давлатҳои аҳдкунанда ва давлатҳои ба шартнома ҳамроҳ нашуда эътибор доранд, муносибати хайрхоҳона кунанд.

## БОБИ V
## ЧОРАҲОИ МАЪМУРӢ

*Моддаи 25 - Кумаки маъмурӣ*

1. Дар сурати аз ҷониби апатридҳо истифода шудани ягон ҳуқуқ, одатан кумаки ҳукуматҳои давлати хориҷиеро талаб мекунад, ки апатридҳо ба онҳо муроҷиат карда наметавонанд, Давлатҳои аҳдкунандае, ки апатридҳои мазкур дар қаламравашон истиқомат доранд, барои расонидани чунин кумак аз тарафи ҳокимиятҳои худашон тадбирҳо меандешанд.
2. Ҳукумат ё ҳукуматҳои дар банди 1 зикрёфта апатридҳоро бо ҳуҷҷатҳо ё шаҳодатномаҳое таъмин мекунанд ё таъмини онҳоро таҳти назар мегиранд, ки чунин ҳуҷҷат ё шаҳодатномаҳо ба хориҷа одатан аз тарафи ҳокимиятҳо ё ба воситаи ҳокимиятҳои давлате, ки онҳо шаҳрвандонаш мебошанд, дода мешаванд.
3. Ҳуҷҷатҳо ё шаҳодатномаҳои бо чунин тартиб додашуда ҳуҷҷатҳои расмии ба хориҷиён аз тарафи ҳокимиятҳо ё ба воситаи ҳокимиятҳои давлате, ки онҳо шаҳрвандонаш мебошанд додашавандаро иваз мекунанд ва эътироф мешаванд, то вақте ки эътиборнок набудани ин ҳуҷҷату шаҳодатномаҳо исбот гардад.
4. Ба истиснои ҳолатҳои махсуси имтиёзнок, ки ба шахсони камбизоат фароҳам оварда мешавад, барои хизматҳои дар моддаи мазкур зикрёфта маблағ ситонида мешавад, вале ин маблағ боинсофона хоҳад буд ва ба миқдоре мувофиқат хоҳад кард, ки бар ивази чунин хизмат аз шаҳрвандон гирифта мешавад.
5. Муқаррароти моддаи мазкур ба муқаррароти моддаи 27 ва 28 дахл надоранд.

*Моддаи 26 - Озодии равтуомад*

Ҳар як Давлати аҳдкунанда ба апатридҳои ба таври қонунӣ дар қаламраваш истиқоматдошта дар ҳудуди қаламраваш ҳуқуқи интихоби ҷои истиқомат ва рафтуомади озодро медиҳад, ба шарте ки ҳамаи қоидаҳои одатан дар чунин вазъият нисбати хориҷиён татбиқёбанда

риоя шаванд.

*Моддаи* 27 - *Шаҳодатномаи шахсӣ*

Давлатҳои аҳдкунанда ба апатридҳои дар қаламравашон буда, ки ҳуҷҷатҳои эътиборноки сафарӣ надоранд, шаҳодатномаҳои шахсӣ медиҳанд.

*Моддаи 28- Ҳуҷҷатҳои сафар*

Давлатҳои аҳдкунанда барои берун аз ҳудуди қаламравашон рафтан ба апатридҳо ҳуҷҷатҳои сафари медиҳанд, зеро ки сабабҳои узрноки амнияти давлат ва тартиби ҷамъиятӣ ба ин монеъ намегарданд. Нисбати чунин ҳуҷҷатҳо муқаррароти қоидаҳои ба ин Конвенсия замимагардида татбиқ мешаванд. Давлатҳои аҳдкунанда ба ҳар як апатриди дар каламравашон буда чунин ҳуҷҷатҳои сафариро дода метавонанд; онҳо бахусус, ба масъалаи додани чунин ҳуҷҷатҳои сафари ба апатридҳои дар қаламравашон буда, ки дар мамлакати ба таври қонунӣ истиқоматдоштаашон имкони гирифтани ин гуна ҳуҷҷатҳоро надоранд муносибати хайрхоҳона мекунанд.

*Моддаи 29 - Андозҳо*

1. Давлатҳои аҳдкунанда аз ападридҳо ҳеч гуна боҷу пардохт ва андоз намеситонанд, ба ғайр аз ё зиёда аз боҷу пардохту андозе, ки дар чунин ҳолатҳо аз шаҳрвандони худашон ситонида мешаванд.
2. Муқаррароти банди қаблӣ ба ҳеч андозае нисбати апатридҳо татбиқ шудани қонуну амрҳоеро монеъ намегардад, ки онҳо марбут ба пардохт бар ивази додани ҳуҷҷатҳои маъмурӣ, аз он ҷумла, шаҳодатномаи шахсӣ мебошанд.

*Моддаи 30 - Баровардани амвол*

1. Давлатҳои аҳдкунанда тибқи қонунҳову амрҳои худ ба апатридхо иҷозат медиҳанд, ки амволи бо худ овардаашонро ба ҳар кишваре, ки ба онҳо иҷозати даромадану сокин гардидан дода шудааст, баранд.
2. Давлатҳои аҳдкунанда ба аризаи апатридҳо дар бораи иҷозати баровардани амволи барои сукунаташон зарурӣ ба кишварҳои дагар, ки рафтан ба он ҷо ба онҳо рухсат дода шудааст, новобаста ба он, ки он амвол дар куҷост, хайрхоҳона муносибат мекунанд.

*Моддаи 31 - Рондан*

1. Давлатҳои аҳдкунанда апатридҳои ба таври қонунӣ дар

қаламравашон истиқоматдоштаро ба ғайр аз манфиати амнияти давлатӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ дар ҳолатҳои дигар намеронанд.

2. Рондани чунин апатридҳо танҳо тариқи иҷрои карорҳои суд сурат мегирад. Ба апатридҳо ғайр аз ҳолате, ки ба ин андешаи узрноки амнияти давлатӣ монеъ мегардад, ҳуқуқ дода мешавад, ки барои сафед кардани худашон далелу бурҳон пешниҳод намоянд, ба идораҳои дахлдор ё шахе ё шахсони аз тарафи идораҳои дахлдор таъйиншуда аризаи эътирозӣ пешниҳод кунанд, инчунин ба апатридҳо ҳуқуқ дода мешавад, ки барои ин мақсад намояндагони худро дошта бошанд.

3. Давлатҳои аҳдкунанда ба чунин апатридҳо барои ба даст овардани ҳуқуқи қонунии дохилшавӣ ба мамлакати дигар мухлати кофӣ медиҳанд. Давлатҳои аҳдкунанда дар ин муддат ҳуқуқ доранд таъбирҳои дохилие биандешанд, ки зарур мешуморанд.

*Моддаи 32 - Натурализатсия*

Давлатҳои аҳдкунанда то ҳадди имкон мутобиқшавӣ ва натурализатсияи апатридҳоро осон хоҳанд кард, бахусус, онҳо барои тезонидани коргузории марбут ба натурализатсия ва камтар кардани пардохту хароҷот тамоми кори ба худашон вобастаро хоҳанд кард.

## БОБИ VI
## МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

*Моддаи 33. Маълумот оид ба санадҳои қонунгузории миллӣ*

Давлатҳои аҳдкунанда ба Котиби Генералии созмони Милали Муттаҳид матни қонуну қарорҳои бо мақсади дар ҳаёт татбиқ намудани ин Конвенсия қабулкардаашонро пешниҳод мекунанд.

*Моддаи 34. Ҳалли баҳсҳо*

Ҳамаи баҳсҳое, ки байни иштирокчиёни ин Конвенсия доир ба тафсир ё татбиқи он ба миён меоянду ба тарзи дигар ҳал намегарданд, бо талаби ҳар як тарафи баҳскунанда ба Суди Байналмилалӣ пешниҳод карда мешавад.

*Моддаи 35. Ба имзо расонидан, тасдиқ ва ҳамроҳшавӣ*

1. Ин Конвенсия то 31-уми декабри соли 1965 барои имзо кардан дар ҳамаи муассисаҳои марказии Созмони Милали Муттаҳид кушода

хоҳад буд.

2. Ин Конвенсия барои имзо кардан кушода аст аз номи:

а) ҳар давлати узви Созмони Милали Муттаҳид,

б) ҳама гуна давлати дигар, ки барои ширкат дар Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба макони апатридҳо даъват шудааст,

с) ҳама гуна давлате, ки Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид ба ғ имзо кардани Конвенсия ё ҳамроҳ шудан ба онро пешниҳод намудааст.

3. Ин Конвенсия тасдиқ карда шуда, тасдиқномаҳо дар назди Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид нигох дошта мешаванд.

4. Ин Конвенсия барои ҳамроҳ шудани давлатҳое, ки дар банди 2 моддаи мазкур зикргардида, кушода хоҳад буд. Ҳамроҳшавӣ тариқи ба котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид супоридани санади ҳамроҳшавӣ ба вуқӯъ хоҳад омад.

*Моддаи 36. Қарорҳо оид ба татбиқи минтақавии Конвенсия*

1. Ҳама гуна давлат ҳангоми ба имзо расонидан ё тасдиқ намудани Конвенсия ё ҳамроҳ шудан ба он метавонад изҳор намояд, ки амали ин Конвенсия ба тамоми қаламраваш ё ба баъзе минтакаҳое, ки ин давлат барои алокаҳои байналмилалиашон ҷавобгар аст, таъсир дорад. Чунин изҳорот аз рузи барои ин давлат мавриди амал қарор гирифтани Конвенсия эътибор пайдо мекунад.

2. Дар ҳар лаҳзаи минбаъда ба ин тарик татбик ёфтани Конвенсия бояд бо роҳи фиристодани хабарнома ба котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид иттилоъ дода шавад ва он рузи навадуми баъди ба дасти котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид расидани хабарнома ё ин ки рузи барои ин давлат мавриди амал қарор гирифтани Конвенсия, эътибор пайдо мекунад, агар ин сана дертарин бошад.

3. Нисбати минтақаҳое, ки ҳангоми ба имзо расонидан, тасдиқ намудан ё ҳамроҳшавӣ таъсири амали ин Конвенсия ба онҳо паҳн нагаштааст, ҳар як давлати манфиатдор барои дар ҷойҳои аз нигоҳи конститутсионӣ зарурбуда ҷорӣ намудани таъсири амали Конвенсия бо розигии ҳукуматҳои чунин минтакаҳо имконияти андешидани тадбирҳои заруриро баррасӣ мекунад.

*Моддаи 37. Қарорҳоо оид ба давлатҳои федеративӣ*

Барои давлатҳои федеративӣ ва воҳидӣ муқаррароти зерин татбиқ мегарданд:

а) он моддаҳои Конвенсия, ки таҳти юрисдиксияи қонунгузории

ҳокимияти федералии қонунгузор қарор мегиранд, ӯҳдадориҳои ҳукумати федералӣ дар ҳудуди муайянгардида ба ӯҳдадориҳои тарафҳое, ки дар ин Конвенсия давлатҳои федералӣ нестанд, мутобиқ хоҳад буд;

b) он моддаҳои Конвенсия, ки таҳти юрисдиксияи қонунгузории штатҳо, музофотҳо ё кантонҳо (заминҳои алоҳида)-и зимни федератсия буда, вале аз ҷиҳати сохти конститутсионии федератсия ба андешидани чораҳои қонунгузорӣ вазифадор набуда қарор мегиранд, ҳукумати федералӣ ҳангоми пайдо намудани имконияти аввалин дар бораи ин моддаҳо ҳокимиятҳои хабардор мекунад ва ҳамроҳи ин хабар мулоҳизаи хайрхоҳонаашро низ ирсол менамояд;

c) давлатҳои федеративие, ки дар ин Конвенсия тараф маҳсуб мешаванд, бо талабномаи ҳар давлати дигари аҳдкунанда, ки онро ба воситаи Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид мегиранд, дар барои қонунҳо ва таҷрибаи нисбати ҳама гуна муқаррароти маълуми Конвенсия дар қисмҳои таркибии федератсия вуҷуддошта маълумотнома пешниҳод мекунанд ва дар он то кадом андоза бо роҳи қонунгузорӣ ё роҳи дигар ба ҳаёт татбиқ шудани муқаррароти мазкурро нишон медиҳанд.

*Модда 38 Қайду шартҳо*

1. Ҳангоми ба имзо расонидан, тасдик намудан ё ҳамроҳшавӣ ҳама гуна давлат метавонад ба моддаҳои Конвенсия, ғайр аз моддахои 1,3.4.16,(1) ва 33-42 қайду шарти пешакӣ гузорад.

2. Ҳама гуна давлат қайду шарти пешакӣ гузошта тибки банди 1 моддаи мазкур ҳар вакт метавонад бо роҳи огоҳ кардани Котиби генералии Созмони Милали Муттаҳид аз қайду шарти пешакиаш даст кашад.

*Моддаи 39- Эътибор пайдо кардан*

1. Конвенсияи мазкур дар рузи навадуми пас аз ба маҳфуздоранда супорида шудани тасдиқномаи шашум ё санад дар бораи ҳамроҳшавӣ эътибор пайдо мекунад.

2. Барои ҳамаи давлатҳое, ки Конвенсияро тасдиқ кардаанд ё ба он баъди супоридани тасдиқномаи шашум ё санад дар бораи ҳамроҳшавӣ ҳамроҳ шудаанд. Конвенсия дар рузи навадуми баъди аз ҷониби давлати дахлдор супоридани тасдиқнома ё санади дар бораи ҳамроҳшавӣ эътибор пайдо мекунад.

*Моддаи 40 -Бекор кардан*

1. Ҳама гуна давлати аҳдкунанда ҳар вакт метавонад ин Конвенсияро бо роҳи фиристодани огоҳинома ба номи Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид бекор кунад.
2. Чунин бекоркунӣ барои давлат дахлдори аҳдкунанда пас аз гузаштани як сол аз рузи гирифтани огоҳинома аз ҷониби Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид эътибор пайдо менамояд.
3. Ҳама гуна давлате, ки изҳорот додаст ё огоҳинома фиристодааст, тибқи моддаи 36, пас аз ин ҳар вақт метавонад бо роҳи фиристодани огоҳнома ба номи Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид изҳор намояд, ки пас аз як соли ба дасти Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид расидани огоҳинома нисбати қаламрави дахлдор Конвенсия таъсир нахохад дошт.

*Моддаи 41- Таҷдиди назар*

1. Ҳар давлати аҳдкунанда ҳар вақт бо роҳи фиристодани огоҳинома ба номи Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид метавонад талаб кунад, ки ин Конвенсия аз нав дида баромада шавад.
2. Агар вобаста ба чунин талаб зурурати андешидани ягон чора ба миён ояд, Асамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид чораҳои лозимиро тавсия хоҳад дод.

*Моддаи 42- Огоҳиномаҳое, ки аз тарафи Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид фиристода мешаванд*

Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид ба ҳамаи аъзои Созмони Милали Муттаҳид ва давлатҳои ба он аъзо набуда, ки дар моддаи 35 зикр ёфтаанд, дар бораи чизҳои зерин хабар медиҳад:

а) дар бораи ба имзо расондан ва тасдиққуниҳое, ки дар моддаи 35 муқаррар шудаанд;

в) дар бораи изҳороту огоҳиномае, ки дар моддаи 36 муқаррар гардидаанд;

c) дар бораи қайду шартҳои пешакӣ ва даст кашидан аз онҳо, ки дар моддаи 38 муқаррар гардидаанд;

d) дар бораи рӯзи эътибор пайдо кардани ин Конвенсия тибқи моддаи 39;

e) дар бораи бекоркуниҳо ва огоҳиномаҳое, ки дар моддаи 40 муқаррар шудаанд;

f) дар бораи талабномаҳои таҷдиди назар, ки дар асоси моддаи 41 ворид шудаанд.

Ба тасдиқи нуқтаҳои зикргардида шахсони зерини имзокарда, ки ба таври зарурӣ ваколатдор гардидаанд аз номи ҳукуматҳои худ ин Конвенсияро имзо карданд.

Конвенсия дар Ню-Йорк бисту ҳаштуми сентябри соли як ҳазору нуҳсаду панҷову чор дар як нусха, ки матнҳои англисӣ, испанӣ, франсавии он эътибори якхела доранд, ба имзо расидааст; ин нусха дар бойгонии Созмони Милали Муттаҳид нигоҳ дошта мешавад, нусхаҳои тасдиқёфтаи он ба ҳамаи аъзоёни Созмони Милали Муттаҳид ва давлатҳое, ки аъзои он нестанд ва дар моддаи 35 зикр ёфтаанд, фиристода мешавад.

Манбаъ: E|CONF. 17|5 REV. 1